“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**

«_01_»__________ соли 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ ) анҷом дода шудааст.

Азимзода Ҳ.Р. дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, инчунин унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Вай соли 2007 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Бо фармоиши ректори ДМТ аз 11 ноябри соли 2017, № 385 – 05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ қабул карда шуд.

Мавзӯи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 30-юми октябри соли 2017, тахти № 3 (16 - 17) тасдиқ шудааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 03.03.2025 тахти № 17 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Ба андешаи ӯ диссертатсияи мазкур ба талаботҳои додани дараҷаи илмӣ, овардани иқтибосҳо ба асарҳои истифодашуда ва одоби илмӣ ҷавобгуй буда, аз аъзои кафедра хоҳиш намуданд, ки унвонҷуйро дастгирӣ намоянд.

**Дар натиҷаи муҳокимаи гузаронидашуда, чунин хулоса карда шуд.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзӯи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

**Робитаи мавзӯи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Масъалаҳои рушди ҷомеаи маданӣ ва ҳуқуқбунёд, мубориза бар зидди кибертерроризм, аз байн бурдани фанатизм, экстремизми динӣ ва терроризм яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 мебошад, ки он ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503, тасдиқ шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомшуда низ барои аз байн бурдани заминаҳои фанатизм, эсктремизми динӣ ва терроризм равона гардидааст.

Дар банди 14 “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., № 264, тасдиқ шудааст, чунин талабот муқаррар шудааст: “дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ бояд ба тайёр намудани кадрҳои чунин самтҳои илм.... ҳуқуқи байналмилалӣ, соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, диққати махсус дода шавад”. Таҳқиқоти анҷомдодашуда барои такмили шартномаи хариду фурӯши чакана равона гардида, барои татбиқи Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № 30/248, аз 9 апрели соли 1985 «Принсипҳои роҳбарикунанда оид ба ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон», ки яке аз ҳадафҳои муҳимтарин барои рушди қонунгузории ватанӣ оид ба ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла дар доираи шартномаи хариду фурӯши чакана ба кишварҳо кумак расонида, дар таъсис ё минбаъд таъмин намудани ҳифзи муносиби аҳолии худ ҳамчун истеъмолкунанда, аҳамият дорад.

Дар сархати 4 зербанди 7 банди 20 зербоби 1 боби 6 “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 263, тасдиқ шудааст, чунин муқаррар шудааст: “инкишофи ҳуқуқ, давлатшиносӣ, ҳуқуқ ва озодии инсон” яке аз самтҳои асосии таҳқиқотҳои илмӣ мебошанд. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷом додашуда ба талаботҳои болозикр мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати шумора ва мазмуни натиҷаҳои илмии чопкардашуда ба мавзӯи диссертатсия ва автореферат.** Саҳми шахсии муаллифи

диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо заҳмати бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун, тасдиқ карда мешаванд.

Вай муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудаанд.

Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 6 ҷ. ч. мебошад.

Шумораи асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, инчунин ба мавзӯи диссертатсия ва автореферат мутобиқ мебошанд.

**Мавҷудияти санаде, ки татбиқи натиҷаҳои илмӣ ва ё имконияти татбиқи онро тасдиқ мекунад.** Натиҷаҳои илмӣ аз рӯи таҳқиқоти анҷомёфта барои инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад, инчунин барои таълимоти ҳуқуқӣ дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, мутахассис ва магистратура) муҳим мебошад.

Тибқи санади Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 январи соли 2025, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳия ва интишори тафсири илмию амалии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин маводҳои ҳуқуқӣ, иттилоотию таҳлилӣ, ба таври васеъ истифода мешаванд.

**Саҳми унвонҷӯй дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Унвонҷӯй ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи шартномаи хариду фуруши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Пешниҳод ва тавсияҳои ӯ барои татбиқи самараноки боби 35 “Хариду фурӯш” (моддаҳои 521 - 559) ва зербоби 2 “Хариду фурӯши чакана” (моддаҳои 560 - 572) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзими муомилоти ашёҳои истеъмолӣ, мусоидат мекунад.

Мазмуни асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар интишороти зерини унвонҷӯй инъикос гардидааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. **Азимов, Ҳ.Р.** Договор розничный купли-продажи как гражданско-правовое средство охраны прав потребителей / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – № 2 (26). – С.173 – 182.– ISSN 2307 – 5198.

2. **Азимов, Ҳ.Р**. Виды договор розничный купли-продажи / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – № 3 (27). – С.116 – 119 .– ISSN 2307 – 5198

3. **Азимов,** Ҳ.Р. Баъзе масъалаҳо оид ба танзими ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана / Х.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сил. илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ. Қ. 1.– Душанбе: Сино, 2020. – № 10. – С. 181 – 187.– ISSN 2413-5151;

4. **Азимов, Ҳ.Р.** Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда барои вайрон кардани шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2020. – № 4 (27). – С. 116 – 119. .– ISSN 2307 – 5198.

5. **Ғаюрзода, Ш. К., Азимзода, Ҳ. Р.** Баъзе масъалаҳои унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана. / Ш. К. Ғаюрзода, Ҳ.Р. Азимзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2025. – № 1 (49). – С. 149 – 164.– ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд**:

6. **Азимов, Х.Р.** Понятие и особенности договор розничной купли продажи / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2016. – № 3 (15). – С.163 – 174.

7. **Азимов, Ҳ.Р.** Истеъмолкунандагон ҳамчун субъекти шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Қонунгузорӣ.– Душанбе, 2016.– №3 (23).–С.55-59.

8. **Азимов, Ҳ.Р.** Конститутсия ва масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҶТ / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи

илмии вилоятии олимон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони “Ҷавонон ва рушди илми муосир”, бахшида ба соли 2016, “Соли рушди нерӯи зеҳнӣ”, Қӯрғонтеппа, 2016.– С.278-279.

**9. Азимов, Ҳ**.Р. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. ва н.и.ҳ., дотсент Сангинов Д.Ш.– Душанбе, 2018. – С. 61–66 .

**10. Азимов, Ҳ. Р.** Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ», 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа: 2018. – С. 224-230.

**11. Азимов, Ҳ.Р.** Ҷуброни зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 8-уми июни соли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 214 – 219.

**12. Азимов, Ҳ.Р** Шаклҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши / Ҳ.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Сил. илмҳои ҷомеашиносӣ.– Бохтар:, 2019. – №3/4 (70). – С. 41 – 45.– ISSN 2663-6506

**13. Азимов, Ҳ.Р.** Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба иттилооти зарурӣ ва боэътимод доир ба мол дар шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // “Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”: маводҳои конфронси байналмилалӣ (25-26 апрели 2023) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С.191-195.

**14. Азимов, Ҳ.Р.** Асосҳои ҳуқуқии танзимнамои шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Endless Light in Science». – Ҷумҳурии Қазоқистон, Алмато. − С.347-349.– ISSN 2709-1201

**15. Азимов, Ҳ.Р.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи рушди қонунгузории шартномаи хариду фурӯши чакана / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-

солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» 1 – 2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар / Зери назари д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. ва н.и.ҳ., дотсент Сафарбекзода Ҳ.С.– Бохтар: «Матбаа». 2024.– С.114-122.

Ҳамин тавр, **ҷаласаи кафедра қарор намуд:**

1). Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асари таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

2). Диссертатсияи мазкур ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – и назди ДМТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: “тарафдор” – 17 нафар; “зид” – нест; “бетараф” – нест (Протоколи №08 аз 28.03.2025).

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи мадании факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаффорзода И. Ғ.

**Котиби ҷаласа:** Ҳакимов Я. Б.

***Имзоҳои Ғаффорзода И. Ғ. ва Ҳакимов Я. Б.-ро***
***“тасдиқ мекунам”***

Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э. Ш.